ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Халиков Масъудҷон Ғафурович дар мавзуи "Муродифот дар "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – забони тоҷикӣ

Диссертатсияи Халиков Масъудҷон Ғафурович ба омӯзиши муродифҳои яке аз куҳантарин ва муҳимтарин тафсирҳои Қуръони карим ба забони порсии дарӣ (тоҷикӣ) – "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" ва заминаҳои ташаккулу такомули муродифҳои луғавию ҷуфт ва пайиҳам, сохти таркибии вожаҳои муродифӣ ва сохтори муродифҳои ҷуфту пайиҳам дар асари мазкур бахшида шудааст.

Дар робита ба масоили муродифот дар забоншиносии тоҷикӣ ҳарчанд таҳқиқоти гуногун сурат гирифта бошад ҳам, вале баррасии ин мавзуъ такя ба "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" ва ба таври мушаххас нишон додани муродифоти ҷуфту пайиҳам дар забоншиносии тоҷик дастоварди нави илмӣ ба шумор меравад.

Дар заминаи ҷустуҷӯ ва баррасии омории муродифҳо диссертант ба хулосае омадааст, ки **13**%-и вожаҳои асарро вожаҳои муродифӣ ташкил дода, мавқеи истифодаи муродифҳо нисбат ба қисмати тафсирии асар дар қисмати тарҷумавии он бештар ба назар мерасад. Ба таъкиди мавсуф, асари мазкур ҳарчанд асари тарҷумавӣ ва фарогири мавзуоту қиссаҳои зиёди динӣ бошад ҳам, вале ҳамагӣ 10%-и таркиби луғавии онро вожаҳои арабӣ ташкил медиҳад.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 9 мақола, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия

мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсия Халиков Масъудҷон Ғафурович истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст. Аҳамияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Халиков Масъудҷон Ғафурович дар мавзуи "Муродифот дар "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи номзадии Халиков Масъудҷон Ғафурович дар мавзуи "Муродифот дар "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.02.01 – забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович** – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ "МИСиС" дар шаҳри Душанбе

- **Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илми филология, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Гадоев Н.

Аъзоёни комиссияи экспертӣ:
доктори илми филология, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Ҳомидов Д.

доктори илми филология, профессори кафедраи
забони тоҷикии МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино Қосимов О.